Бо фармоиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «24» декабри соли 2018 № 64
тасдиқ карда шудааст

**ДАСТУРАМАЛ**
**Дар бораи баҳисобгирии хизматрасонӣ**

***Ба хизматрасониҳо дохил карда мешаванд:*** пардохти намудҳои алоҳидаи хизматрасонӣ: аз ҷумла – хизматрасонии таъминоти қувваи барқ, таъминоти об, таъминоти қувваи ҳароратӣ, таъминоти газ ва дигар хизматрасониҳое, ки характери саноатӣ доранду ба ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ тибқи фармоиши онҳо расонида мешавад, ҳисоб карда мешавад.

***Объекти баҳисобгирӣ (мушоҳида)*** – корхона ва ташкилотҳое мебошад, ки барои хизматрасонии нерӯи барқ, таъминоти об, таъминоти қувваи ҳароратӣ, таъминоти газ ва дигар хизматрасониҳое, ки характери саноатӣ доранд махсус гардонида шудаанд.

Ҳ***аҷми умумии хизматрасонӣ*** – ин маблағи пардохташудае мебошанд, ки корхонаю ташкилотҳо новобаста аз шакли моликияташон ба воситаи хазинаи корхона, инчунин ба воситаи муассисаҳои бонкҳо, аз ҷумла андоз аз арзиши изофа, андозҳои махсус, аксизҳо ва ғайраҳо, гирифта шудааст.

***Дар сатри 01*** ҷамъи хизматрасониҳои сатрҳои ҷамъбастии 02,03,04,05 ва 06, дарҷ мегардад.

***Дар сатри 02*** ҷамъи хизматрасонии таъминоти қувваи барқ бо соҳаҳояш дарҷ мегардад. Ин гурӯҳ таъмини коршоямии (истифодаи) системаҳои барқро таъмин намуда, нерӯи барқро аз ҳама гунна нерӯгоҳҳои энергетикӣ қабул намуда тавассути шабакаҳои барқӣ ба истифодабарандагони охирин мерасонад, дар бар мегирад.

***Дар сатри 03*** ҷамъи хизматрасонии таъминоти об, бо соҳаҳояш дарҷ мегардад. Мақсади ин гурӯҳ аз ҷамъоварӣ, коркард ва тақсимоти об барои эҳтиёҷоти аҳолӣ, истеҳсолӣ ва дигар мақсадҳоро дар бар мегирад.

***Дар сатри 04*** ҷамъи хизматрасонии таъминоти қувваи ҳароратӣ бо соҳаҳояш дарҷ мегардад. Ин гурӯҳ дар бар мегирад: истеҳсол, ҷамъоварӣ ва тақсимоти ҳавои гармӣ, тақсимоти оби гарм барои гармидиҳии хонаҳои истиқоматӣ, тақсими ҳавои сард, тақсими оби сард ё яхкардашуда барои хунуккунӣ биноҳо барои эҳтиёҷоти аҳолӣ, истеҳсолӣ ва дигар мақсадҳоро дар бар мегирад.

***Дар сатри 05*** ҷамъи хизматрасонии таъминоти газ бо соҳаҳояш дарҷ мегардад. Ин гурӯҳ дар бар мегирад: тақсимоти гази сӯзишворӣ тавассути системаҳои газ таъминкунӣ то ба истифодабарандагони охирин расонидани гази сӯзишворӣ.

***Дар сатри 06*** ҷамъи дигар хизматрасониҳое, ки характери саноатӣ доранд, пешниҳод мегардад ва намуди хизматрасонӣ пурра нишон дода шавад. Ин гурӯҳ дар бар мегирад: ҷудо кардани партовҳо, ки барои истеҳсоли ашёи хоми иловагӣ (партовҳои бехатарии ғизо) ё тақсимоти маводҳои омехта ба монанди коғаз, маҳсулотҳои пластикӣ, контейнерҳо барои нӯшиданиҳо, металлҳо барои

категорияҳои алоҳида, ҷамъоварии маводҳо барои истифодаи такрорӣ (коркарди иловагӣ), бартараф кардани партовҳо дар нуқтаҳои партов ҷамъкунӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, партофтани партовҳои сохтмонӣ (аз ҷумла партовҳои биноҳои вайроншуда), ҷамъоварӣ ва бартараф кардани партовҳо, партофтании партовҳо, истифодабарии дастгоҳҳо барои интиқоли партовҳои бехатар ва ғайраҳо мувофиқанд, дар бар мегирад.

Бояд қайд намуд, ки ба ин гурӯҳ ҳамаи он партовҳое, ки барои бори дуюм баъди безараргардонӣ ба истеҳсолот ҳамчун ашёи хом истифода шудааст, дохил карда мешавад.

***Баҳисобгирии хизматрасонӣ*** – дар давраи ҳисобот, дар лаҳзаи пешниҳоди онҳо, ки маъмулан бо додани пардохти фармоиш мутобиқат менамояд, ба таври ҷиддӣ ва қатъӣ ба амал баровварда мешавад. Бо сабаби сари вақт напардохтани музди хизмати расонидашуда, фоиз ва ҷаримаҳои ситондашуда набояд ба арзиши хизмати расонидашуда дохил карда шаванд.

***Ҳисобот оид ба хизматрасониҳо*** - ҳама корхонаю ташкилоте, ки хизматрасонии нерӯи барқ, таъминоти об, таъминоти қувваи ҳароратӣ, таъминоти газ ва дигар хизматрасониҳое, ки характери саноатӣ доранд, новобаста аз шакли моликият ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ ба мақомоти омори маҳалли ҷойгирифтааш на дертар аз мӯҳлати нишон додашуда, дар шаклҳои тасдиқ кардаи ҳисоботи омори давлатӣ пешниҳод менамояд.

Маълумотҳо оид ба воҳидҳои истеҳсолӣ (филиалҳо, шӯъбаҳо ва ғайраҳо), ки мақоми шахси ҳуқуқӣ надоранду дар ихтиёри корхонаи асосӣ, дар ҳудуди як ноҳия (шаҳр) қарор доранд, ба ҳисоботи корхонаи асосӣ ҳамроҳ карда мешаванд.

Воҳидҳои истеҳсолӣ (филиалҳо, шӯъбаҳо ва ғайраҳо), ки дар як ноҳия (шаҳр) бо корхонаи асосӣ қарор надошта бошанд, бояд ҳисоботро мустақилона тартиб дода, ба мақомоти омори маҳалли ҷойгирифтаи худ (ҳамчун объекти ба ҳисобгирифтаи ноҳия, шаҳри мазкур) пешниҳод намоянд. Дар ин маврид корхонаи асосӣ ҳисоботро бе ҳаҷми хизматҳои воҳидҳои истеҳсолӣ (филиалҳо, шӯъбаҳо ва ғайраҳо), ки ҳисоботро мустақилона ба мақоми омори маҳали воҳиди истеҳсолӣ пешниҳод кардаанд, ба мақомоти омори маҳаллӣ ҷойгирифтаи худ пешниҳод менамояд.

Бояд зикр намуд, ки маблағҳои нишон додашуда дар ҳисоботи мазкур бояд ба ҳаҷми хизматҳои коммуналии ҳамон ташкилоте, ки бе восита ин хизматҳоро расонидааст, дохил карда шаванд.